**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 012
назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон (734061, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ,
1/2)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шамсзода Илёсҷон Сафар ба диссертатсияи Алимова Муборак Алимҷоновна дар мавзуи «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод карда шудааст.**

## 1. Мубрамияти мавзуи диссертатсия

Таҳқиқи масоили ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти муосир, дар замони инқилоби босуръати технологӣ ва раванди инкишофи устувори иқтисодиёти миллӣ ва минтақавӣ аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Навсозии унсурҳои иқтисодиёт ва тақвиятёбии муносибатҳои фосилавии иқтисодӣ низ ба ин раванд мусоидат намуда, зарурати омӯзиши амиқи онро тақозо мекунад. Таҳлили ҳамаҷонибаи ин раванд нишон медиҳад, ки соҳаи алоқаи мобилӣ ба тамоми бахшҳои иқтисодиёт таъсири густурда мерасонад ва яке аз бахшҳои зудрушдкунандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Суръати миёнасолонаи рушди он, ки бар пояи технологияҳои рақамӣ амалӣ мегардад, назаррас буда, имкони алоқамандсозии ҳамаи соҳаҳо ва зерсохторҳои иқтисодиётро фароҳам месозад.

Мавзуи мавриди таҳқиқ бо ҳадафҳои стратегии рушди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг буда, ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисодиёт ва густариши хизматрасониҳои инноватсионӣ мусоидат мекунад. Ҳамчунин, натиҷаҳои пажӯҳиш

метавонанд заминаи илмӣ ва амалии таҳияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи алоқаи мобилиро фароҳам оваранд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти мазкур дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

**2. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм**

Диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодкардашуда ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ ҷавобгӯ мебошад: банди (III.) зербандҳои 3. Ташаккул ва рушди бозори савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ; 24. Рушди савдои шабакавӣ дар шароити муосир; 27. Дастгирии давлатии рушди савдои хусусӣ ва корпоративӣ дар малакат, минтақа ва соҳаҳо. 31. Рушди технологияҳои рақамӣ дар савдои хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо микдори кофии маълумотҳои таҳлилӣ ва коркарди онҳо, мутобиқати натиҷаҳои назариявӣ ва таҳқиқотӣ дар асоси маълумоти расмии Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияҳои соҳавӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ дар самти пешниҳоди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот аз сарчашмаҳои омори байналмилалӣ, маълумоти оморӣ ва иттилооти созмонҳои байналмилалӣ, захираҳои иттилоотии шабакаи интернет ва ғайра тасдиқ карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асосноккунии ҷанбаҳои илмию назариявӣ ва методологии коркарди амсилаҳои иқтисодию математикӣ ва оптимизатсионӣ, таҳияи самтҳои афзалиятнок, инчунин таҳияи механизми рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ифода ёфтааст. Натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқоти диссертатсионии навгонии илмиро муайянкунанда дар нуктаҳои зерин таҷассум ёфтаанд:

-таҳия ва пешниҳоди коркарди илмӣ-муаллифии бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (БХАМ), алоқаи мобилӣ (АМ) дар шароити гузариш ба рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ. Инчунин, дар асоси омӯзиши ҳамаҷонибаи адабиёти илмии иқтисодӣ оид ба мавзуъ муаллиф дар шакли мухтасар ва ҳамаҷониба дар баробари таҳияи фаҳмиши муаллифӣ, тасниф ва сохтори бозори хизматрасонии алоқаи мобилиро дар шакли пурра ва маҷмуӣ пешниҳод кардааст;

-омилҳои ба рушди ояндаи бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ таъсиррасон ошкор карда шудааст. Ҳангоми баррасии масоил ошкор гардидааст, ки барои такмили минбаъдаи бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ омилҳои зерин: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, техникӣ, технологӣ таъсир мерасонанд. Ба омилҳои муҳити дохилии бозор бошад, рақобати нокомил, мавҷуд набудани ширкати миллии пешниҳодкунандаи хизматрасонӣ, инчунин тақозо, арза, нарх ва рақобат таъсир мерасонанд;

-дар рафти омӯзиши ҳамаҷониба вазъи кунунии бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ таҳлил карда шудааст. Дар натиҷаи коркарди маълумоти оморӣ ва нишондиҳандаҳои ширкатҳои пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ барои муайян кардани таъсири ин раванд ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ таҳлили ҳамаҷониба гузаронида шудааст. Дар натиҷаи таҳлили нишондиҳандаҳои хизматрасонии алоқаи мобилӣ маълум гардидааст, ки фаъолияти аксарияти ширкатҳои миллӣ ба талабот ва унсурҳои рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ҷавобгӯй нестанд;

-арзёбии далелҳои ташкилию иқтисодӣ, ташаккул ва рушди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар асоси равишҳои гуногуни илмӣ дар сатҳи минтақавӣ ва миллӣ гузаронида шуда, таъсири омилҳо баҳо дода шудаанд. Ба сифати унсурҳои хизматрасонӣ нишондиҳандаҳои асосӣ, аз ҷумла ҳолати пешниҳоди ин хизматрасониҳо дар муқоиса бо дигар ширкатҳо муайян карда шудаанд;

-дар раванди иҷрои корҳо бо истифода аз усулҳои моделсозии иқтисодӣ-математикӣ дар асоси маълумоти ҷорӣ оид ба хизматрасониҳои пешниҳодшуда амсилаи оптимизатсионӣ дар мисоли ҶСК «Таком» таҳия карда шудааст. Натиҷаи амсила аз ҷониби диссертант бо истифодаи усули баҳодиҳии дуҷониба таҳлил гардида, бо мақсади афзоиши даромад ва кам кардани хароҷот тавсияҳои илман асоснок пешниҳод карда шудааст;

- аз ҷониби муаллиф коркарди амсилаҳои иқтисодӣ - математикӣ ва оптимизатсионӣ гузаронида шуда, самтҳои афзалиятнок, инчунин механизми рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ муайян карда шудааст. Асоснок карда шудааст, ки механизмҳо ва коркардҳои илмии пешниҳодшуда дар маҷмуъ бояд ба ташаккули ояндаи бозори хизматрасонии алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири амиқ расонанд.

## 4.Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикргардида

Хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда бар пояи таҳлили ҳамаҷонибаи назария, таҷрибаи воқеии соҳа, таҳқиқоти миқдорӣ ва сифатии бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ таҳия шудаанд. Барои таъмини эътимоднокии онҳо муаллиф усулҳои муосири таҳлили иқтисодӣ, моделсозии иқтисодӣ-математикӣ ва усулҳои эконометриро ба кор бурдааст ва он имкон додааст, ки робитаҳои сабабнок ва таъсири омилҳои асосӣ бо дараҷаи баланди боварӣ арзёбӣ гарданд.

Илова бар ин, тавсияҳо бо дарназардошти ҷараёнҳои воқеии инкишофи иқтисоди рақамӣ, таҳлили қонунгузории амалкунанда, таҷрибаи ширкатҳои фаъол дар бозори алоқаи мобилӣ ва ниёзҳои аҳолӣ таҳия шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот, ҳамчунин, бо муқоисаи таҷрибаи байналмилалӣ ва имкони татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди санҷиш қарор дода шудаанд.

Ҳамчунин, эътимоднокии хулосаю тавсияҳо аз ҷониби

коршиносони соҳа ва ташкилотҳои дахлдор дастгирӣ ёфтааст, ки имкони ворид намудани онҳоро ба барномаю стратегияҳои давлатӣ дар шакли пешниҳодҳои амалиро медиҳад. Ҳамин тариқ, асоснокии илмӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути истифодаи методологияи мустаҳкам, далелҳои оморӣ ва муқоисаи таҷрибаҳои муваффақ таъмин карда мешавад. Коркардҳои илмӣ-методии муаллифро метавон ба таври васеъ дар фаъолияти Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи ҶСК «Таком», корхонаҳои пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, инчунин дар раванди таълим дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми омоданамоии мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳои информатикаи иқтисодӣ, иқтисодиёти бизнеси электронӣ, системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт, моделсозии равандҳои иқтисодӣ, иқтисодиёти рақамӣ, технологияи иттилоотӣ дар фаъолияти бонкӣ, МЭҲ ва системаҳои телекоммуникатсионӣ татбиқ намуд.

**5.Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

**Аҳаммияти илмии** таҳқиқоти диссертатсионӣ дар саҳми назарраси он ба рушди назарияи иқтисодиёти хизматрасонӣ, бахусус бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт зоҳир мегардад. Дар кори илмӣ консепсияҳои муаллифии «хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ» ва «бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ» пешниҳод гардидаанд, ки ба дақиқ муайян намудани хусусиятҳои хоси ин бозор дар шароити муосир мусоидат менамоянд. Дар раванди таҳқиқот омилҳои муҳимми таъсиррасон ба рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ҳамаҷониба таҳлил гардида, заминаи боэътимод барои таҳқиқи минбаъда фароҳам оварда шудааст. Истифодаи моделҳои эконометрикӣ барои арзёбии таъсири рақамикунонӣ ба ин бозор имкон медиҳад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти миқдорӣ бо асоснокии илмӣ пешниҳод шаванд. Инчунин, таҷрибаи

кишварҳои хориҷӣ дар самти рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, имкониятҳои татбиқи унсурҳои муассири он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок гардидаанд. Таҳқиқоти мазкур ба тавсеаи асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули бозори рақамии хизматрасониҳо мусоидат менамояд. Муаллиф равандҳои глобалӣ ва минтақавии рақамикунонии иқтисодиётро ба инобат гирифта, хусусиятҳои миллии рушди бозори алоқаи мобилиро инъикос кардааст. Дар асоси таҳлилҳо таклифу тавсияҳои мушаххас оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ширкатҳои хизматрасонии мобилӣ пешниҳод шудаанд. Таҳқиқот дорои арзиши амалӣ мебошад, зеро натиҷаҳои он метавонанд дар таҳия ва татбиқи сиёсатҳои соҳа истифода бурда шаванд. Ҳамин тариқ, корҳои анҷомдодашуда ба рушди минбаъдаи соҳаи хизматрасониҳои рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи назариявӣ ва амалии муҳим мегузоранд.

**Аҳаммияти амалии** кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд аз ҷониби мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи сиёсати иқтисодӣ, барномаҳои рушди соҳаи алоқа ва тақвияти равандҳои рақамикунонии иқтисодиёт ба таври муассир истифода шаванд. Онҳо метавонанд барои ширкатҳои алоқаи мобилӣ дар таҳияи стратегияҳои рушд, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ, беҳтарсозии сифати хизматрасонӣ ва вусъати шабакаи алоқаи мобилӣ ҳамчун заминаи амалии боэътимод хизмат намоянд. Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, бахусус ҳангоми омӯзиши фанҳои иқтисодиёт, менеҷмент ва маркетинг метавонад ба баланд гардидани сатҳи омодагии мутахассисони соҳа мусоидат кунад. Пешниҳодҳои амалии таҳияшуда ба ҳалли масъалаҳои мубрами рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт нигаронида шуда, барои татбиқи механизмҳои муосири идоракунӣ ва танзими бозор аҳаммияти амалии калон доранд. Ғайр аз ин, тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда метавонанд барои ҷалби сармоягузорӣ, рушди

инфрасохтори рақамӣ ва ташаккули муҳити рақобатпазири соҳа истифода шаванд.

**Аҳаммияти иқтисодии** натиҷаҳои диссертатсия дар он аст, ки пешниҳоди муаллиф барои такмили механизмҳои танзими давлатии бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, вусъат бахшидани рақобати солим байни ширкатҳои операторӣ ва ҷалби сармоягузорӣ ба инфрасохтори рақамӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, метавонад ба баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёт, афзоиши даромадҳои буҷетӣ ва беҳтар гардидани сифати хизматрасониҳо ба аҳолӣ мусоидат намояд. Дар натиҷа, даромаднокии ширкатҳо афзоиш ёфта, имконияти васеъ намудани шабака ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо ба вуҷуд меояд. Илова бар ин, рушди устувори бозори алоқаи мобилӣ метавонад бахшҳои дигари иқтисодиётро низ фаъол созад, аз ҷумла тиҷорати электронӣ ва хизматрасониҳои рақамиро. Дар маҷмуъ, татбиқи натиҷаҳои диссертатсия ба афзоиши ММД ва рушди иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда мерасонад.

**Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти кори диссертатсионии Алимова Муборак Алимҷоновна бештар дорои аҳаммияти баланди иҷтимоӣ мебошад. Пеш аз ҳама, онҳо ба таҳкими заминаҳои институтсионалӣ ва инфрасохтории бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ мусоидат намуда, сатҳи дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳоро барои аҳолӣ беҳтар мекунанд. Тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд ба паст кардани нобаробарии рақамӣ миёни қишрҳои гуногуни аҳолӣ, тавсеа ёфтани истифодаи технологияҳои рақамӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳолӣ дар самти технологияҳои рақамӣ мусоидат намоянд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот ба беҳтар гардидани сифати хизматрасониҳо, афзоиши қаноатмандии истеъмолкунандагон ва баланд бардоштани сатҳи ҳимояи ҳуқуқи онҳо дар бозори хизматрасониҳои алоқа равона шудаанд. Дар доираи сиёсати иҷтимоии давлат, аз ҷумла ҳифзи гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, ҷорӣ намудани усулҳои самараноки танзими бозор метавонад нақши муҳим

бозад. Натиҷаҳои таҳқиқот, ҳамчунин, барои ташаккули муҳити рақобатпазир ва одилона дар соҳаи хизматрасониҳо аҳаммияти иҷтимоии назаррас доранд, ки дар навбати худ, ба ташкили ҷойҳои нави корӣ, афзоиши даромади аҳолӣ ва рушди иқтисодиёти иҷтимоӣ нигаронида шудаанд. Ба ин тартиб, диссертатсия на танҳо мушкилоти соҳаи алоқаи мобилиро аз дидгоҳи иқтисодӣ таҳлил менамояд, балки ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ дар самти дастрасӣ ва истифодаи босифати технологияҳои муосир низ саҳм мегузорад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, феҳристи адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва замима иборат аст.

**Муқаддима** мубрамӣ ва дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаи таҳқиқот, объект, предмет, фарзия, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаи маълумот, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тавсия ва амалисозии натиҷаҳо, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми онро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия таҳлили масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва методологии рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бахшида шудааст.

Муаллиф кӯшиш намудааст, ки асосҳои назариявӣ ва методологии ин масъаларо муайян созад ва хусусиятҳои хоси рушди соҳаи алоқаи мобилиро дар шароити муосир таҳлил намояд. Дар зербоби 1.1 (саҳифаҳои 15-30) муаллиф ба асосноккунии мубрамияти мавзуъ пардохта, нақши афзояндаи хизматрасониҳои алоқаи мобилиро дар иқтисодиёти рақамӣ қайд мекунад. Муаллиф истилоҳоти гуногуни марбут ба иқтисодиёти рақамӣ, аз қабили «олами виртуалӣ - маҷозӣ», «иқтисодиёти сабз», «иқтисодиёти шабакавӣ», «иқтисодиёти интернетӣ», «ҷаҳони рақамӣ», «ҷомеаи иттилоотӣ», «фазои иттилоотӣ», «ҷомеаи донишбунёд», «ҷомеаи баъдисаноатӣ», «ҷомеаи технологиябунёд», «ҷомеаи вертуалӣ - маҷозӣ», «иқтисодиёти инноватсионӣ» «иқтисодиёти нав» ва ё «иқтисодиёти иттилоотӣ», «иқтисодиёти рақамӣ»-ро баррасӣ намуда, таснифоти хизматрасониҳои алоқаи мобилиро пешниҳод намудааст (расми 1 ва ҷадвали 1.1). Бо вуҷуди ин, метавон пешниҳод кард, ки муаллиф таҳлили муқоисавии таърифҳоро бештар анҷом диҳад ва хулосаи худро дар бораи беҳтарин таъриф пешниҳод намояд. Инчунин, шарҳи муфассалтар дар бораи ҳар як истилоҳи иқтисодиёти рақамӣ, ки муаллиф зикр кардааст, метавонад ба хонанда дар фаҳмиши амиқтар мусоидат кунад.

Дар зербахши 1.2 (саҳифаҳои 30-46) муаллиф ба таҳлили хусусиятҳои хоси рушди соҳаи алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Муаллиф мафҳуми “рақамикунонӣ”-ро аз дидгоҳи муҳаққиқони гуногун (ҷадвали 1.4) баррасӣ намуда, ақидаи шахсии худро пешниҳод намудааст. Муаллиф рақамикунониро на танҳо ҷорӣ намудани технологияҳо, балки тағйири ҳамаҷонибаи моделҳо ва муносибатҳо дар соҳаи алоқаи мобилии Тоҷикистон медонад.

Дар маҷмуъ, боби якум таҳлили мукаммали масъалаҳои назариявӣ ва методологии рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилиро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт пешниҳод менамояд ва заминаи мустаҳкаме барои таҳқиқоти минбаъда фароҳам меорад. Муаллиф

муваффақ шудааст, ки мубрамияти мавзуъро асоснок намояд, истилоҳоти асосиро муайян созад ва хусусиятҳои хоси рушди соҳаи алоқаи мобилиро таҳлил намояд.

Дар боби дуюми диссертатсия таҳлили ҳолати муосири рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, арзёбии таъсири омилҳо ба рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ, нишондиҳандаҳои асосӣ ва хусусиятҳои тарофаи хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ мавриди арзёбӣ ва таҳлили ҳаматарафа қарор дода шудааст. Зербоби якум ба таҳлили амиқи раванди ташаккул ва инкишофи бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Муаллиф бо дарки амиқи масъала зарурати рушди инфрасохтори рақамиро ҳамчун омили муҳимми таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва тавсеаи бозори ХАМ (хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ) нишон медиҳад. Муаллиф на танҳо ҷанбаҳои мусбат, балки маҳдудиятҳо ва мушкилоти системавиро низ дарк намуда, ба масъалаҳои набудани консепсияи минтақавии рушди соҳа, мушкилоти қонунгузорӣ ва танзими институтсионалӣ ишора кардааст. Пешниҳодҳо доир ба такмили заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ аз аҳаммияти амалӣ бархӯрдоранд.

Дар зербоби 2.2 кори диссертатсионӣ бо таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳои таъсиррасон ба рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва асосноккунии зарурати коркарди низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳӣ ба ин раванд равона гардидааст. Муаллиф бо ҷалби маълумоти оморӣ ва таҳлили қиёсӣ ба хулосае мерасад, ки рушди ХАМ ва БХАМ на танҳо ба муҳити инфрасохторӣ, балки ба омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва танзими соҳа сахт вобастагӣ дорад. Ӯ нишон медиҳад, ки аксари мушкилот ба набудани низоми дақиқи нишондиҳандаҳо ва сатҳи пасти омодагии рақамии аҳолӣ алоқаманд аст.

Зербоби 2.3 диссертатсия ба баррасии нишондиҳандаҳои асосӣ ва хусусиятҳои тарофаҳои хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (БХАМ) бахшида шудааст. Таҳлили муфассали дарозии каналҳои ХАМ аз рӯи

навъҳояшон (моҳворай, радиорелей, кабелӣ ва ҳавоӣ) имкон медиҳад, ки инфрасохтори техникии мавҷуда дар соҳаи БХАМ арзёбӣ гардад. Муаллиф аҳаммияти шабакаи Интернетро ҳамчун васеътарин ва маъмултарин воситаи пайвастшавӣ дар ҷаҳон қайд мекунад. Дар зербоб зарурати танзими давлатии соҳаи алоқаи мобилӣ ҳамчун як омили муҳимми рушди иқтисодӣ ва молиявӣ таъкид мегардад. Муаллиф нақши рақобати озодро дар рушди БХАМ муҳим шуморида, зарурати таъмини рақобати комилро дар баробари баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ қайд мекунад. Ҳамзамон, мавҷудияти баъзе мушкилот дар ташаккул ва рушди БХАМ, аз ҷумла зарурати назорат ва таҳлили нарх ва тарофаҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдор зикр мешавад.

Дар боби сеюми диссертатсия амсилаи иқтисодӣ-математикӣ, оптимизатсонии пешниҳоди хизматрасонии алоқаи мобилӣ ва механизми танзими давлатӣ ва самтҳои ояндадори БХАМ таҳия гардидааст. Зербоби 3.1-и боби сеюми диссертатсия ба таҳияи амсилаи иқтисодӣ – математикӣ ва оптимизатсионии пешниҳоди хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (БХАМ) бахшида шудааст. Муаллиф бартариҳои пешниҳоди хизматрасониҳои нав, дастрасӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва мусоидат ба шуғли аҳолиро зикр мекунад. Иқтидори баланди рушди иқтисодии шабакаҳои иттилоотӣ дар шароити рақамикунонӣ ва фарогирии соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон, аз ҷумла хизматрасониҳои почта дуруст қайд шудааст.

Муаллиф формулаи мушаххаси функсияи мақсадро бо тавзеҳи ҳар як ҷузъи он пешниҳод карда, мушкилии оптималикунонии фоида ва даромади корхонаҳоро дар БХАМ ва дигар соҳаҳоро қайд мекунад, аммо аҳаммияти оптималикунонии даромад ва дараҷаи таъмини истеъмолкунандагонро аз лиҳози татбиқи хизматрасониҳои телекоммуникатсиониро таъкид намудааст. Муаллиф бо истифода аз усулҳои моделсозӣ ва таҳлили муқоисавӣ кӯшиш кардааст, ки роҳҳои беҳтарсозии фаъолияти БХАМ-ро муайян намояд.

Зербоби 3.2-и диссертатсия ба таҳлили масъалаҳои мубрами такмил додани самтҳои афзалиятноки рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити динамикии рақамикунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф масъалаҳои мубрамро ба миён гузошта, роҳҳои эҳтимолии ҳалли онҳоро пешниҳод менамояд. Ин зербоб барои таҳияи хулосаҳо ва тавсияҳои минбаъдаи диссертатсия заминаи мустаҳкам фароҳам оварда, нишон медиҳад, ки муаллиф ба масъалаҳои рушди соҳа аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ муносибат мекунад.

Зербоби 3.3 диссертатсия ба масъалаи муҳимми такмил ва тавсияи механизми танзими давлатии рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ (БХАМ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф ба мушкилоти татбиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар шароити озодии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ишора мекунад.

Муаллиф самтҳои афзалиятноки рушди тиҷорати электрониро дар заминаи алоқаи мобилӣ, аз ҷумла рақамикунонии пардохтҳо, ташкили вебсайтҳо, коркарди механизмҳои муомилотӣ ва дастрасӣ, инчунин коркарди шабакаи нав пешниҳод менамояд.

Диссертант масъалаҳои мубрамро ба миён гузошта, роҳҳои эҳтимолии ҳалли онҳоро бо истифода аз таҳлили адабиёти илмӣ ва пешниҳоди моделҳо ва тавсияҳои мушаххас нишон додааст.

Дар хулосаи диссертатсия муаллиф натиҷаҳои асосии таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, хулосаю тавсияҳои мушаххасро пешниҳод намудааст. Хулосаҳои асосии таҳқиқот ба таври мухтасар ва возеҳ баён шудаанд. Диссертант дуруст қайд кардааст, ки бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд ёфта бошанд ҳам, аммо барои рушди минбаъдаи он ҳалли як қатор мушкилот зарур дониста мешавад. Тавсияҳо мушаххас, амалӣ ва ба натиҷаҳои таҳқиқот асос ёфтаанд.

**6.Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб дар диссертатсия**

Дар диссертатсия дар баробари бозёфтҳои мушаххаси илмӣ баъзе камбудию норасоиҳо мушоҳида карда мешавад:

1. Ҳангоми таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ муаллифи диссертатсия ба

таври мушаххас асоснок накардааст, ки таҷрибаи кадом кишвари хориҷӣ барои Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебошад.

2. Масоили андозбандии субъектҳои хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ба таври мушаххас дида баромада нашудааст.

3. Принсипҳои умумиилмӣ ҳангоми таҳияи механизм ва ошкорсозии самтҳои асосии бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ риоя карда нашудааст.

4. Дар баъзе аз саҳифаҳои кори иҷрошудаи диссертатсионӣ хатоиҳои грамматикӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

5.Дар баъзе мавридҳо, асарҳои навтарини олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи таҳқиқот ба назар гирифта нашудаанд.

**7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Аз рӯи мавзуи диссертатсия 17 интишороти илмии муаллиф чоп гардидаанд, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боқимонда дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва байнидонишгоҳӣ, инчунин дар конференсияҳои ҳарсолаи дохилидонишгоҳии омӯзгорони Донишгоҳи давлати тиҷорати Тоҷикистон аз соли 2008 то 2024 баромад ва санҷида шудаанд.

**8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсия ва автореферати он мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намуда, дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод карда шудаанд, баён гардидаанд.

Барасмиятдарории диссертатсия ва автореферат тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

**9. Хулосаи ҷамъбастӣ**

Дар умум, диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи «Рушди бозори хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои "Тартиби додани дараҷаи илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст. Бинобар арзанда аст, ки ба муаллифи кори диссертатсионии мазкур Алимова Муборак Алимҷоновна дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) дода шавад.

**Муқарриз:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**профессори кафедраи системаҳои**
**иттилоотӣ дар иқтисодиёти**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Шамсзода Илёсҷон Сафар**
**Имзо:** ________________
**Сана:** «08» 05. 2025

**734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17**
**Тел.: (+992) 918-78-89-38 (моб.),**
**Тел: (+992-37) 2-21-77-11,**
**(+992-37) 2-27-50-29 (корӣ)**
**Email: shamsov1976@mail.ru,**
**info@tnu.tj, http://www.tnu.tj**

**Имзои Шамсзода И.С.-ро тасдиқ мекунам:** **Тавқиев Э.Ш.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ**